# Шарҳи моҳонаи таваррум • Майи 2020

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи майи соли 2020 нисбат ба моҳҳои қаблӣ (март 1,6 фоиз ва апрел 2,2 фоиз) раванди муътадил дошта, ба 0,5 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,5 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда ба сатҳи таваррум асосан афзоишёбии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 1,2 фоиз (саҳм дар таваррум 0,6 б.ф.) таъсир расонид. Дар баробари ин, коҳишёбии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,2 фоиз ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,9 фоиз (дар умум саҳм дар таваррум -0,1 б.ф.) ба назар расид.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ ба монанди моҳи қаблӣ бештар қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили орди навъи якум 7,8 фоиз, равғани пахта 0,4 фоиз, шакар 0,5 фоиз, биринҷ 1,4 фоиз, гӯшти гов 1,8 фоиз, меваҷот 8,0 фоиз (аз ҷумла себ 7,1 фоиз) ва тухм 11,6 фоиз ба қайд гирифта шуданд.

Аз тарафи дигар бинобар ҷамъоварии ҳосили нав нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯрокворӣ, аз қабили сабзавот 10,5 фоиз (аз ҷумла пиёз 23,8 фоиз, картошка 24,2 фоиз, помидор 12,1 фоиз, бодиринг 28,3 фоиз ва карам 13,1 фоиз) раванди коҳишёбӣ доштанд.

Бояд қайд намуд, ки дар давоми панҷ моҳи соли равон аз маҳсулоти хӯрокворӣ бештар болоравии нархи орди навъи якум дар кишвар, ки вазни хоси он дар сабади истеъмолӣ 9,0 фоизро ташкил медиҳад, ба 22,9 фоиз баробар гардид.

Яке аз омилҳои асосии қимат шудани нархи орди навъи якум дар кишвар ин боло рафтани нархҳои воридотӣ, коҳишёбии ҳаҷми воридоти гандум бинобар маҳдуд намудани содироти он аз ҷониби кишварҳои содиркунанда, инчунин зиёд гардидани талабот аз ҷониби аҳолии кишвар вобаста ба авҷ гирифтани пандемияи коронавирус (COVID-19) ба ҳисоб меравад.

Тибқи маълумоти омори гумрукӣ, дар панҷ моҳи соли ҷорӣ ба ҷумҳурӣ ба миқдори 406,5 ҳазор тонна гандум ба маблағи 98,1 млн. доллари ИМА ворид карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз рӯи миқдор 8,1 фоиз кам мебошад. Дар ин давра нархи миёнаи гандуми ба ҷумҳурӣ воридкардашуда барои 1 тонна 241,3 доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки нисбат

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии нархи картошка ва пиёз, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



ба ҳамин давраи соли гузашта 23,4 фоиз ё 45,8 доллари ИМА зиёд мебошад.

Дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ дар моҳи майи соли ҷорӣ бештар арзоншавии нархи сӯзишвории дизелӣ 2,8 фоиз, бензини навъи АИ-92 15,3 фоиз ва гази моеъ 15,9 фоиз ба қайд гирифта шуданд.

Яке аз сабабҳои асосии коҳишёбии нархи маводи сӯзишворӣ дар кишвар ин пастравии нархи он дар бозорҳои ҷаҳонӣ бинобар паҳншавии пандемияи коронавирус (COVID-19) мебошад, ки дар натиҷаи кам гардидани талабот аз ҷониби кишварҳои бузурги истеъмолкунандагони ин маҳсулот ба вуқӯъ пайваст.

Нарху тарифаҳои хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ низ дар моҳи майи соли ҷорӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, ба -0,9 фоиз баробар гардид, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи арзоншавии нархи хизматрасонии барқ, газ ва дигар хизматрасониҳо -2,9 фоиз (бахусус гази моеъ -15,9 фоиз) ба амал омад.

**Ҳамин тариқ, таваррумы солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи майи соли ҷорӣ ба 10,0 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи қаблӣ 0,6 б.ф. кам ва ҳамин моҳи соли гузашта 1,2 б.ф. зиёд мебошад.**

Тибқи таҳлилҳо омилҳои асосии ба ин раванд таъсиррасон ва аз доираи дурнамои муқарраршуда баромадани сатҳи таваррум, пеш аз ҳама торафт васеъ паҳн шудани пандемияи коронавирус (COVID-19) дар ҷаҳон, кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти асосии хӯрокворӣ аз ҷониби кишварҳои содиркунанда ва маҳдуд шудани ҳамлу нақл дар сарҳадҳои бархе аз давлатҳои шарикони савдо ба ҳисоб меравад.

Сатҳи таваррумы аслӣ, ки дар худ омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи майи соли ҷорӣ 0,3 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 2,8 фоиз баробар гардид, ки аз маҳдуд будани омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум шаҳодат медиҳад.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум бо истифодаи босамари воситаҳои монетарӣ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Тағйирёбии нархи орди навъи якум, бо % моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррумы аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

## Намояи нархҳои истеъмолӣ*

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | Май, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | | | | | 2020 | | | | | |
| | | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **5,4** | **5,7** | **7,8** | **8,7** | **8,1** | **8,0** | **8,0** | **7,8** | **9,3** | **10,6** | **10,0** | **0,5** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **50,4** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **4,9** | **6,3** | **10,2** | **13,5** | **11,9** | **11,4** | **11,2** | **10,4** | **13,5** | **17,3** | **16,5** | **1,3** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,3 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | 8,9 | 13,2 | 19,7 | 18,8 | 16,1 | 16,5 | 13,3 | 10,2 | 13,5 | 23,1 | 29,4 | 5,9 |
| Биринҷ | 2,6 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | 19,5 | 20,7 | 22,1 | 24,8 | 15,3 | 7,6 | 7,1 | 4,7 | 4,0 | 3,1 | 1,2 | 1,3 |
| Орд | 9,0 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 9,9 | 16,0 | 25,3 | 22,1 | 19,7 | 21,0 | 16,0 | 12,3 | 17,3 | 33,7 | 43,8 | 7,8 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,4 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 8,6 | 9,4 | 10,4 | 18,0 | 22,9 | 21,8 | 22,0 | 21,1 | 20,6 | 18,4 | 16,2 | 1,4 |
| Гӯшти гов | 5,3 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 8,9 | 9,7 | 11,4 | 21,8 | 27,2 | 25,9 | 27,0 | 25,8 | 25,2 | 22,3 | 18,9 | 1,8 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 3,9 | 1,8 | 6,6 | 6,0 | 3,1 | 6,3 | 7,2 | -1,1 | -5,1 | 14,7 | 14,8 | 11,6 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 2,6 | 3,1 | 4,8 | 4,3 | 6,4 | 6,3 | 5,5 | 6,7 | 5,3 | 8,8 | 1,4 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 1,3 | -2,1 | 0,0 | 2,7 | 6,7 | 7,3 | 5,8 | 5,6 | 11,0 | 5,8 | 14,0 | 3,6 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,1 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 9,2 | 9,1 | 10,4 | 5,2 | 0,6 | -1,7 | -0,8 | -1,1 | 0,5 | 4,6 | 5,5 | 0,6 |
| Меваҷот | 3,8 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | 4,0 | 2,3 | -4,0 | -15,5 | -5,4 | -2,2 | 0,7 | 9,0 | 12,1 | 18,5 | 24,1 | 8,0 |
| Сабзавот | 7,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | -10,7 | -9,7 | 3,7 | 33,1 | 15,0 | 15,4 | 19,9 | 19,5 | 29,9 | 28,1 | 10,8 | -10,5 |
| Шакар | 2,2 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | 2,7 | 4,4 | 5,7 | -0,6 | 3,4 | -5,1 | -7,1 | -5,8 | -0,2 | 3,6 | 3,7 | 0,5 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,8 | 2,5 | 5,1 | 6,2 | 6,7 | 8,1 | 0,9 | 0,4 | -0,8 | -5,3 | -3,0 | 2,8 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **8,0** | **8,0** | **6,7** | **8,1** | **7,3** | **3,0** | **3,0** | **3,0** | **3,0** | **1,7** | **1,7** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **5,4** | **6,5** | **3,8** | **3,5** | **0,9** | **1,0** | **-0,1** | **0,9** | **1,9** | **0,4** | **0,2** | **-0,3** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30,6** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **6,4** | **6,3** | **6,3** | **4,7** | **4,1** | **4,2** | **4,5** | **5,1** | **5,0** | **4,0** | **3,4** | **-0,2** |
| Либос ва пойафзол | 10,4 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 5,6 | 14,4 | 14,7 | 13,5 | 14,4 | 13,4 | 4,5 | 4,5 | 4,2 | 3,8 | 3,5 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,5 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 7,3 | 7,8 | 6,0 | 5,2 | 4,9 | 4,9 | 4,4 | 4,6 | 5,5 | 5,7 | 6,7 | 0,8 |
| Маводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 6,2 | 6,2 | 7,0 | 9,0 | 6,3 | 3,3 | 3,7 | 2,7 | 2,9 | 2,7 | 3,9 | 1,0 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 10,4 | 10,7 | 6,4 | 18,1 | 10,8 | 13,0 | 13,6 | 16,6 | 16,5 | 15,6 | 10,1 | 2,5 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 12,2 | 7,2 | 5,4 | -10,6 | -9,1 | -5,7 | -0,1 | 6,4 | 4,2 | -7,0 | -18,4 | -12,3 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | -8,4 | -8,4 | -5,0 | -12,7 | -18,0 | -9,9 | -9,2 | -3,5 | -2,1 | -3,4 | -3,8 | -0,9 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 5,2 | 5,2 | 8,1 | 0,4 | 1,5 | 0,8 | 2,1 | -1,0 | -0,7 | 0,4 | 2,4 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 8,3 | 8,7 | 8,5 | 4,9 | 4,1 | 3,8 | 3,5 | 3,0 | 2,9 | 3,3 | 5,7 | 1,7 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,4** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **4,9** | **2,1** | **3,4** | **1,3** | **3,7** | **5,5** | **5,5** | **5,1** | **4,7** | **3,8** | **3,5** | **-0,9** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,4 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 10,8 | 9,8 | 12,3 | 3,2 | 15,7 | 9,1 | 10,6 | 12,8 | 11,0 | 8,6 | 5,6 | -2,7 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 5,0 | 5,0 | 6,5 | 3,3 | 2,9 | 2,8 | 3,1 | 4,2 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 9,4 | 8,4 | 8,7 | 8,2 | 8,2 | 4,3 | 1,4 | 1,4 | 1,1 | 1,1 | 0,6 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,0 | 0,0 | 16,3 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,6 | 14,4 | 32,9 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | 3,4 | 40,1 | 6,2 | 2,8 | 14,1 | -23,3 | -15,8 | -5,9 | 2,3 | 14,2 | 5,9 | -5,6 | -20,0 | -15,4 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 2,9 | -4,8 | -2,4 | -0,2 | -8,8 | 3,7 | 2,4 | -1,5 | -1,4 | -1,7 | 0,8 | 0,0 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Маориф | 1,7 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 2,0 | 1,5 | 1,7 | 1,7 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,9 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 15,4 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 16,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 3,3 | 3,3 | 3,2 | 3,2 | 5,3 | 3,8 | 3,9 | 4,1 | 4,4 | 4,3 | 3,7 | 0,0 |

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.
** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо